## 5.2.12 ЭКОНОМИКА ТУРИЗМА И ГОСТЕПРИИМСТВА
## 5.2.12 ИҚТИСОДИЁТИ САЙЁҲӢ ВА МЕҲМОНДОРӢ
## 5.2.12 THE ECONOMICS OF TOURISM AND HOSPITALITY

***УДК 338.48***
***DOI 10.24412/3005-8023-2026-2-151-161***

# *САМТҲОИ БАЛАНДБАРДОРИИ САМАРАНОКИИ МЕХАНИЗМИ ХОҶАГИДОРИИ СОҲАИ САЙЁҲӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН*

***Шокиров Равшан Сиддиқович,*** *д.и.и., профессори кафедраи молия ва қарзи МД “Донишкадаи байналмилалии Хуҷанд”-и МД “ДБССТ”;* ***Ибрагимова Дилбар Илҳомиддиновна,*** *н.и.и., дотсент, мудири кафедраи технологияҳои рақамӣ ва коммуникатсионии МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” (Хуҷанд, Тоҷикистон)*

# *ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ ПОВЫШЕНИЯ ЭФФЕКТИВНОСТИ МЕХАНИЗМА ХОЗЯЙСТВОВАНИЯ ТУРИСТИЧЕСКОЙ ОТРАСЛИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН*

***Шакиров Равшан Сиддикович,*** *д-р экон. наук, профессор кафедры финансов и кредита ГУ “Худжандский международный институт” ГУ “МУТПТ”;* ***Ибрагимова Дилбар Илхомиддиновна,*** *канд.экон. наук, доцент, заведующий кафедрой цифровых технологий и коммуникаций ГОУ “ХГУ имени академика Б.Гафурова” (Худжанд, Таджикистан)*

# *MAIN DIRECTIONS FOR IMPROVING THE EFFICIENCY OF THE TOURISM MANAGEMENT MECHANISM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN*

***Shakirov Ravshan Siddiqovich,*** *PhD in Economics, professor of the department of finance and credit of the SI “Khujand International Institute” under the SI “IITET”;* ***Dilbar Ilkhomiddinovna Ibragimova,*** *candidate in Economics, associate professor, head of the department of digital technologies and communications under the SEI “KhSU named after academician B. Gafurov” (Khujand, Tajikistan)* ***e-mail:*** *shokirovravshan@mail.ru*

*Таҳлили иқтисодии рушди сайёҳии кӯҳӣ ва хизматрасониҳои марбут ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифтааст. Дар шароити муосир сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи иқтисоди миллӣ ва ҷаҳонӣ арзёбӣ гардида, дар ташаккули даромад, шуғли аҳолӣ ва диверсификатсияи иқтисодӣ нақши муҳим мебозад. Дар таҳқиқот бо истифода аз усулҳои таҳлили оморӣ, муқоисавӣ, пурсиши экспертӣ, модели мултипликативӣ ва регрессияи хаттӣ динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳа, рафтори хароҷотии сайёҳон ва таъсири инфрасохтори хизматрасонӣ ба даромадҳои сайёҳӣ арзёбӣ шудааст. Натиҷаҳо нишон доданд, ки афзоиши шумораи сайёҳон ва диверсификатсияи хизматҳо (меҳмонхонаҳо, нақлиёт, хӯрока, роҳбаладӣ ва фароғат) ба даромади соҳа таъсири мусбати назаррас мерасонанд. Ҳисобҳои эконометрикӣ собит сохтанд, ки рушди инфрасохтор нисбат ба зиёдшавии маъмулии маҷрои сайёҳон самаранокии иқтисодиро бештар таъмин менамояд. Муайян карда шудааст, ки сайёҳии кӯҳӣ дорои таъсири мултипликативӣ буда, ба рушди соҳибкорӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд шудани даромади аҳолии минтақаҳои кӯҳистон мусоидат мекунад. Оид ба такмили инфрасохтор, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ҷалби сармоягузорӣ тавсияҳо таҳия шудаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *сайёҳӣ; сайёҳии кӯҳӣ; хизматрасонии сайёҳӣ; инфрасохтор; самаранокии иқтисодӣ; даромад; регрессия; таъсири мултипликативӣ*

*Предложен экономический анализ развития горного туризма и сопутствующих туристических услуг в Республике Таджикистан. В современных условиях туризм*

*рассматривается как один из наиболее динамично развивающихся секторов национальной и мировой экономики, оказывающий значительное влияние на формирование доходов, занятость населения и диверсификацию экономики. На основе статистического сравнительного анализа, экспертного опроса, мультипликативной модели и линейной регрессии оценены: динамика ключевых показателей отрасли, структура расходов туристов и влияние инфраструктуры услуг на туристические доходы. Полученные результаты показали, что рост численности туристов и диверсификация услуг (гостиницы, транспорт, питание, гиды, досуг) оказывают положительное и статистически значимое влияние на доходы отрасли. Эконометрические расчёты подтвердили, что развитие инфраструктуры обеспечивает более высокий экономический эффект по сравнению с простым увеличением туристического потока. Установлено, что горный туризм обладает мультипликативным эффектом, стимулируя развитие предпринимательства, создание рабочих мест и рост доходов населения горных регионов. Разработаны рекомендации по совершенствованию инфраструктуры, повышению качества обслуживания и привлечению инвестиций.*

***Ключевые слова:*** *туризм; горный туризм; туристические услуги; инфраструктура; экономическая эффективность; доходы; регрессия; мультипликативный эффект*

*This article presents an economic analysis of the development of mountain tourism and related tourism services in the Republic of Tajikistan. In today's environment, tourism is considered one of the most dynamically developing sectors of the national and global economy, significantly impacting income generation, employment, and economic diversification. Using a statistical comparative analysis, an expert survey, a multiplicative model, and linear regression, we assessed the dynamics of key industry indicators, the structure of tourist spending, and the impact of service infrastructure on tourism revenue. The results showed that increased tourist numbers and service diversification (hotels, transportation, food, guides, and leisure) have a positive and statistically significant impact on industry revenue. Econometric calculations have confirmed that infrastructure development provides a greater economic impact than simply increasing tourist flow. Mountain tourism has been found to have a multiplier effect, stimulating entrepreneurship, job creation, and income growth in mountainous regions. Recommendations have been developed for improving infrastructure, enhancing service quality, and attracting investment.*

***Key-words:*** *tourism; mountain tourism; tourism services; infrastructure; economic efficiency; revenue; regression; multiplier effect*

***Саҳми муаллифон:***

*Шокиров Р.С. - таҳияи қисми назариявӣ ва методологӣ; таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи сайёҳӣ, коркарди моделҳои эконометрикӣ ва шарҳи натиҷаҳо.*

*Ибрагимова Д.И. - ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти амалӣ; таҳлили пурсишҳои экспертӣ; таҳияи ҷадвал ва маълумоти муқоисавӣ.*

Дар шароити муосир соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои босуръат рушдёбандаи иқтисоди ҷаҳонӣ эътироф мегардад. Тибқи маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ СММ, саҳми сайёҳӣ зиёда аз 10 фоизи маҷмӯи маҳсулоти ҷаҳонро ташкил дода, дар саросари олам миллионҳо ҷойҳои корӣ ва манбаъҳои даромади триллиондоллариро фароҳам меорад [8].

Дар таркиби ин соҳа сайёҳии кӯҳӣ ҳамчун самти мустақил бо такя ба захираҳои табиӣ-географӣ, имкониятҳои рекреатсионӣ ва самаранокии иқтисодӣ ба яке аз сегментҳои устувор ва афзояндаи бозори ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. Таҳқиқоти гузаронидашудаи олимони аврупои нишон медиҳад, ки дар даҳсолаҳои охир саҳми саёҳии кӯҳӣ аз 10 то

20%-й ҳаҷми умумии бозори байналмилалии сайёҳиро дар бар мегирад [9]. Ин нишондиҳанда, аз як ҷониб, талаботи баланд ба манзараҳои табиӣ ва мероси фарҳангии минтақаҳои кӯҳистонро инъикос намояд, аз ҷониби дигар, арзиши баланди иқтисодии хизматрасониҳои марбут ба ин навъи сайёҳиро собит месозад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ соҳаи сайёҳӣ, махсусан пас аз солҳои соҳибистиқлолӣ, тадриҷан ба яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии давлатӣ мубаддал гардидааст. Давлат ва Ҳукумат ҳамеша ба рушди устувори ин соҳа диққати махсус медиҳанд, ки ин соҳа дар мамлакат устувор гардад, зеро он ба рушди иҷтмоию иқтисодии минтақаҳо мустақиман таъсир мерасонад. Бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон эълон намудани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”далели боризи мулоҳизаи болозикр мебошад [1].

Бо дарназардошти мавқеи ҷуғрофӣ ва релефи кӯҳистонии кишвар (зиёда аз 90 фоизи ҳудудро кӯҳҳо ташкил медиҳанд), имкониятҳои рушди сайёҳии кӯҳӣ ва экосайёҳӣ хеле васеъ мебошанд. Барномаҳо ва стратегияҳои давлатӣ оид ба рушди сайёҳӣ, аз ҷумла “Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030” [11], ба омили муҳимми диверсификатсияи иқтисоди миллӣ табдил ёбад. Афзоиши шумораи сайёҳони хориҷӣ, густариши инфрасохтори хизматрасонӣ ва зиёд шудани саҳми хизматрасониҳои сайёҳӣ дар ММД аз тамоюли мусбати рушди соҳа шаҳодат медиҳад.

Дар ин раванд, минтақаҳои кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон – аз ҷумла Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, водии Зарафшон, минтақаи Варзоб, Ромит, Искандаркӯл, Фон, Ҳафткӯл ва дигар мавзеъҳои табиӣ – дорои имкониятҳои калони ҷалби сайёҳон мебошанд. Ин минтақаҳо на танҳо марказҳои истироҳатӣ ва сайёҳӣ, балки сарчашмаи муҳимми рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва болоравии иқтисоди маҳаллӣ ба ҳисоб мераванд. Ташаккули низоми хизматрасониҳои сайёҳӣ, аз қабили меҳмонсаройҳо ва меҳмонхонаҳо, нуқтаҳои хӯроки умумӣ, нақлиёт, роҳбаладӣ, фурӯши маҳсулоти ҳунармандӣ ва дигар хизматрасониҳои иловагӣ, ба афзоиши шуғли аҳолӣ ва баланд шудани даромади хонаводаҳо мусоидат менамоянд. Хусусан, ҷалби занон ва ҷавонон ба фаъолияти соҳибкории хурд дар бахши сайёҳӣ омили муҳими таҳкими суботи иҷтимоию иқтисодӣ арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи байналмилалӣ низ аҳаммияти иқтисодии сайёҳии кӯҳиро равшан нишон медиҳад. Масалан, Швейтсария тавассути рушди курортҳои кӯҳӣ ва ташкили кластерҳои мукаммали сайёҳӣ қисми назарраси даромади миллиро таъмин мекунад [2]. Непал аз ҳисоби саёҳатҳои марбут ба қуллаи Эверест ва сайёҳати кӯҳнавардӣ манфиати зиёд ба даст меорад [3; 109]. Гурҷистон низ бо рушди сайёҳии кӯҳӣ тавонистааст мавқеи худро ҳамчун бренди сайёҳии минтақавӣ таҳким бахшад [4]. Ин таҷрибаҳо метавонанд барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ташкили инфрасохтори рақобатпазир, ҷалби сармоя ва такмили хизматрасониҳо намунаи муфид бошанд.

Муҳиммияти таҳқиқоти сайёҳии кӯҳӣ дар он зоҳир мегардад, ки ин соҳа на танҳо ҷалби сайёҳонро таъмин мекунад, балки ба бахшҳои гуногуни иқтисодиёт таъсири мултипликативӣ мерасонад. Рушди роҳҳо ва коммуникатсияҳо, сохтмони меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, ҳунармандӣ ва хизматрасониҳои нақлиётӣ бевосита ба густариши сайёҳӣ вобаста мебошад. Дар натиҷа, иқтисодиёти маҳаллӣ диверсификатсия шуда, сатҳи зиндагии аҳолӣ беҳтар мегардад. Аз ин рӯ, омӯзиши иқтисодии сайёҳии кӯҳӣ, арзёбии самаранокии хизматрасониҳо, татбиқи таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ ва ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки ин соҳаро ба яке аз муҳаррикҳои асосии рушди устувори иқтисоди миллӣ табдил диҳад.

Дар мақолаи ҳадаф гузошта мешавад, ки сайёҳии кӯҳӣ ва хизматрасониҳои марбут ба он ҳамчун ҷузъи муҳимми иқтисодиёт ҳамаҷониба таҳлил карда, афзалиятҳои рушди онро

дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

Асоси методологии таҳқиқотро усулҳои таҳлили иқтисодӣ, назарияҳои иқтисодиёти сайёҳӣ ва равишҳои муосири оморӣ-эконометрикӣ ташкил медиҳанд. Тибқи назарияи иқтисодиёти сайёҳӣ, соҳаи сайёҳӣ ҳамчун яке аз бахшҳои асосии сектори хизматрасонӣ дар иқтисоди миллӣ арзёбӣ гардида, дар ташаккули даромад, шуғл ва диверсификатсияи иқтисодӣ саҳми назаррас дорад [5]. Сайёҳии кӯҳӣ бошад, зерсохтори махсуси ин низом буда, бо захираҳои табиӣ, шароити иқлимӣ ва сатҳи рушди инфрасохтори маҳаллӣ робитаи зич дорад.

Аз ин рӯ, дар таҳқиқот саҳми иқтисодии хизматрасониҳои сайёҳии кӯҳӣ дар доираи назарияи таъсири мултипликативӣ низ баррасӣ гардид. Мувофиқи ин назария, хароҷоти ҳар як сайёҳ на танҳо дар бахши сайёҳӣ, балки фаъолияти иқтисодиро дар соҳаҳои вобаста, аз ҷумла кишоварзӣ, нақлиёт, ҳунармандӣ, савдо ва дигар хизматрасониҳо –таҳрик медиҳад ва ба афзоиши умумии даромад мусоидат менамояд [6].

Аз ҷиҳати методологӣ дар таҳқиқи афзалиятҳои сайёҳии кӯҳӣ чунин усулҳои илмиро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст:

1. Таҳлили оморӣ. Додаҳои расмии Комитети рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин маълумоти Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба ҳайси сарчашмаи маълумот барои таҳлил истифода мешаванд. Дар ин ҷо ҳаҷми даромади сайёҳӣ, саҳми он дар ММД, шумораи сайёҳони хориҷӣ ва дохилӣ, инчунин маълумот оид ба минтақаҳои кӯҳистон, нишондиҳандаҳои асосӣ мебошанд. Дар асоси ин маълумот мумкин аст, ки ҷадвалҳо тартиб дода, тағйироти динамикиро муайян кардан мумкин аст.

2. Таҳлили муқоисавӣ. Таҷрибаи кишварҳое, ки дар рушди сайёҳии кӯҳӣ пешсафанд (Швейтсария, Непал, Гурҷистон ва Қирғизистон), мавриди омӯзиш қарор дода, таҳлили муқоисавиро ба анҷом расонидан мумкин аст. Ин имконият медиҳад, ки мутобиқати моделҳои иқтисодии кишварҳои хориҷӣ ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шавад.

3. SWOT-таҳлил. Дар асоси ин гуна таҳлил афзалиятҳо, заъфҳо, имкониятҳо ва хатарҳои рушди сайёҳии кӯҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намудан мумкин аст. Ин равиш ҳамчун воситаи муҳимми банақшагирии стратегӣ барои баланд бардоштани самаранокии хизматрасониҳо мебошад.

4. Равиши эконометрикӣ. Бо истифода аз модели оддии регрессияи хаттӣ муносибати байни даромади сайёҳӣ ва сифати хизматрасониҳо муайян намудан мумкин аст. Тавассути ин усул таъсири зиёд шудани шумора ва навъҳои хизматрасониҳои сайёҳӣ ба даромади маҳаллӣ арзёбӣ мегардад.

5. Таҳлили минтақавӣ-географӣ. Имкониятҳои сайёҳии минтақаҳои кӯҳистони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои GIS-харитасозӣ нишон додан ба мақсад мувофиқ мебошад, зеро он барои сайёҳон ба ҳайси сарчашмаи маълумот хидмат мекунад. Аз ҷумла, баҳогузории мавзеъҳои Варзоб, Ромит, Искандаркӯл, Ҳафткӯл, дараи Яғноб ва минтақаҳои кӯҳистонии Бадахшон аз рӯи дастрасии нақлиётӣ, масофа аз марказҳои шаҳрӣ ва иқтидори рекреатсионӣ ба ҷалби сайёҳон воситаи муҳим мегардад.

Ҳамзамон, дар қисмати методология ба равишҳои муосири илмӣ низ таваҷҷӯҳ зоҳир намудан зарур аст. Аз ҷумла, истифодаи модели «давраи ҳаётии сайёҳӣ»-и Батлер [10, 6] барои таҳлили марҳилаҳои рушди минтақаҳои кӯҳистонӣ натиҷаи хубро таъмин мекунад. Мувофиқи ин модел, мавзеъҳои туристӣ аз марҳилаи кашф ва ҷалби аввалия то ба марҳилаи рушди устувор ва диверсификатсияро мегузаранд. Ин усул барои муайян намудани сатҳи кунунии рушди минтақаҳои сайёҳии кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун асоси методологӣ хизмат мекунад. Дар маҷмуъ, методологияи таҳқиқот ба равиши комплексӣ асос ёфта, омори воқеӣ, таҳлили иқтисодӣ ва назарияҳои байналмилалиро бо ҳам муттаҳид менамояд. Ин имкон медиҳад, ки нақши сайёҳии кӯҳӣ дар иқтисодиёти

миллӣ на танҳо аз ҷиҳати миқдорӣ, балки аз нигоҳи сифатӣ низ баҳогузорӣ карда шавад.

***Ҷадвали 1. – Нишондиҳандаҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ***

| **Нишонди-ҳандаҳо** | **2014** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2024 нисбат ба 2020, %** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи сайёҳони хориҷӣ, ҳаз. нафар | 213 | 1035 | 1257 | 350,6 | 296,3 | 999,3 | 1201,0 | 1400,1 | +6,6 маротиба |
| Шумораи сайёҳони дохилӣ, ҳаз. нафар | 29589 | 9167 | 8531 | 1939 | 1766 | 3643 | 9045 | 10361 | 35,0 |
| Даромад аз соҳаи сайёҳӣ, ҳаз. сомонӣ | 10989,6 | 16928,1 | 24497,9 | 7677,0 | 12789,9 | 22718,8 | 30464,4 | 32529,2 | +2,95 |
| Ҳиссаи даромад дар ММД, % | 0,02 | 0,024 | 0,03 | 0,009 | 0,012 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 100,0 |

***Сарчашма:*** *[7; 12,186]*

Таҳлили динамикаи нишондиҳандаҳои рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2024 нишон медиҳад, ки ин бахш дар давраи мавриди баррасӣ марҳилаҳои гуногуни рушд, таназзул ва барқароршавиро аз сар гузаронидааст.

Пеш аз ҳама, динамикаи шумораи сайёҳони хориҷӣ тамоюли афзоиши устуворро то соли 2019 инъикос мекунад. Агар ба ҷумҳурӣ дар соли 2014 ҳамагӣ 213 ҳазор нафар сайёҳ ворид шуда бошад, ин нишондиҳанда то соли 2018 ба 1 035 ҳазор ва дар соли 2019 ба 1 257 ҳазор нафар расидааст. Яъне, дар панҷ сол афзоиш зиёда аз панҷ баробарро ташкил додааст. Ин ҳолат натиҷаи беҳтар гардидани сиёсати раводид, рушди инфрасохтори сайёҳӣ ва муаррифии имкониятҳои табиию фарҳангии кишвар дар бозори байналмилалӣ мебошад. Бо вуҷуди ин, солҳои 2020–2021 бо сабаби пандемияи COVID-19 коҳиши шадид ба қайд гирифта шуд: шумораи сайёҳон то 350,6 ҳазор ва баъдан то 296,3 ҳазор нафар кам гардид. Аммо аз соли 2022 раванди барқароршавӣ оғоз шуда, теъдод ба 999,3 ҳазор расид ва дар соли 2024 ба 1 400,1 ҳазор нафар баробар гардид, ки нисбат ба соли 2020 тақрибан 6,6 маротиба зиёд мебошад. Ин нишон медиҳад, ки соҳа қобилияти мутобиқшавӣ ва барқароршавии баланд дорад.

Сайёҳии дохилӣ низ тағйироти назаррасро аз сар гузаронидааст. Дар соли 2014 шумораи сафарҳои дохилӣ хеле баланд – 29 589 ҳазор нафарро ташкил медод. Дар солҳои баъдӣ ин нишондиҳанда коҳиш ёфта, дар соли 2020 ба 1 939 ҳазор ва дар соли 2021 ба 1 766 ҳазор нафар расид. Ин коҳиш бо маҳдудиятҳои карантинӣ ва пастшавии ҳаракати аҳолӣ вобаста буд. Аммо солҳои 2022-2024 тамоюли мусбат мушоҳида шуда, теъдод то 10 361 ҳазор нафар афзуд. Афзоиши 35-фоизаи нишондиҳанда далели фаъол гардидани бозори дохилӣ ва болоравии талабот ба хизматрасониҳои рекреатсионӣ мебошад.

Даромад аз соҳаи сайёҳӣ бо тағйироти шумораи сайёҳон ҳамоҳангӣ дорад. Дар соли 2014 ҳаҷми даромад 10 989,6 ҳазор сомониро ташкил медод ва то соли 2019 ба 24 497,9 ҳазор сомонӣ расид, яъне беш аз ду баробар афзуд. Дар давраи пандемия даромад то 7 677,0 ҳазор сомонӣ коҳиш ёфт, аммо минбаъд афзоиш ёфта, соли 2024 ба 32 529,2 ҳазор

сомонӣ расид. Нисбат ба соли 2020 афзоиш қариб 3 маротиба (2,95 баробар) мебошад, ки аз баргаштани тадриҷии бозори сайёҳӣ ба сатҳи пешазбӯҳронӣ шаҳодат медиҳад.

Бо вуҷуди афзоиши даромад, ҳиссаи соҳа дар ММД ҳанӯз паст боқӣ мемонад ва дар доираи 0,02-0,03 фоиз тағйир меёбад. Ин нишон медиҳад, ки имкониятҳои мавҷуда пурра истифода намешаванд ва барои баланд бардоштани самаранокӣ густариши инфрасохтор, диверсификатсияи хизматрасониҳо ва ҷалби сармоягузорӣ тақозо карда мешавад.

Дар маҷмуъ, таҳлил собит месозад, ки соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори баланд буда, бахусус пас аз пандемия ба марҳилаи рушди фаъол ворид гардидааст. Тақвияти сайёҳии кӯҳӣ, экосайёҳӣ ва сайёҳии дохилӣ метавонад дар солҳои наздик саҳми ин бахшро дар иқтисоди миллӣ боз ҳам зиёд намояд.

Пурсиши дар байни 100 сайёҳи хориҷӣ ва дохилӣ гузаронидашуда нишон медиҳад, ки сайёҳон дар баробари ошноӣ бо марказҳои рекриатсионии мамлакат ба сайёҳии кӯҳи таваҷҷӯҳ зоҳир менамоянд.

***Ҷадвали 2. – Натиҷаи пурсиш байни 100 нафар сайёҳони хориҷӣ***

| **Саволи пурсишнома** | **Натиҷа (нафар)** | **фикри сайёҳон** |
|---|---|---|
| Мақсад аз саёҳат:<br>Сайёҳии тиҷоратӣ<br>Сайёҳии истироҳатӣ<br>Сайёҳии фарҳангӣ<br>Сайёҳии кӯҳӣ | <br>27<br>23<br>19<br>31 | Баробари мақсади асосӣ ошнои бо манзара ва табиати Тоҷикистон |
| Бори чандум ба Тоҷикистон сафар мекунед?:<br>Бори аввал<br>2-3 маротиба<br>Зиёда аз 3 маротиба | <br>25<br>46<br>29 | Табиат ва муҳити Тоҷикистон хоҳиши ташрифи такрориро тавлид мекунад |
| Чанд рӯз дар минтақаи кӯҳӣ будед?:<br>1 рӯз<br>2-3 рӯз<br>Зиёда аз 3 рӯз | <br>49<br>37<br>14 | Инфрасохтор дар минтақаҳои кӯҳӣ имконияти саёҳатро маҳдуд месозад |
| Бештар ба кадом хизматрасонӣ маблағгузорӣ намудед?<br>Хӯрока<br>Меҳмонхона<br>Нақлиёт<br>Роҳбаланд<br>Фароғат | <br><br>11<br>43<br>21<br>9<br>16 | Тоҷикистон хӯрокҳои хеле бомазза дорад. Қисми асосии хароҷот ба меҳмонхона сарф мешавад. |
| Хароҷоти миёнаи шумо дар як рӯз:<br>100-200 сомонӣ<br>200-400 сомонӣ<br>400-600 сомонӣ<br>600-1000 сомонӣ<br>Изофа аз 1000 сомонӣ | <br>7<br>32<br>41<br>12<br>8 | Даромади миёна барои сафар ба Тоҷикистон кифоя аст. |

***Сарчашма:*** *Мушоҳидаи экспертии муаллифон*

Нахуст, тибқи нишондиҳандаи «мақсад аз саёҳат», ҳиссаи аз ҳама калон ба туризми кӯҳӣ (31 нафар ё 31%) рост меояд. Ин далел нишон медиҳад, ки маҳз захираҳои табиию релефи кӯҳии кишвар ҳамчун омили ҷолиби рақобатпазир баромад мекунад. Туризми тиҷоратӣ 27%, истироҳатӣ 23% ва фарҳангӣ 19%-ро ташкил додаанд. Яъне, туризми кӯҳӣ дар муқоиса бо дигар навъҳо мавқеи пешсафро ишғол мекунад. Ин ҳолат бартарии нисбии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун макони туризми экологии фаъол ва кӯҳнавардӣ тасдиқ менамояд ва самти махсусгардонии соҳаро муайян месозад.

Таҳлили такроршавии сафарҳо нишон медиҳад, ки 75% сайёҳон такроран ба кишвар ташриф овардаанд (46% – 2-3 маротиба, 29% – зиёда аз 3 маротиба). Танҳо 25% бори аввал омадаанд. Ин нишондиҳанда сатҳи баланди қаноатмандӣ ва эътимодро инъикос намуда, аз ташаккули бозори устувори сайёҳони «доимӣ» шаҳодат медиҳад. Аз нуқтаи назари иқтисодӣ, чунин категорияи мизоҷон хароҷоти маркетингиро коҳиш дода, даромади устуворро таъмин менамояд.

Нишондиҳандаи давомнокии будубош дар минтақаҳои кӯҳӣ нишон медиҳад, ки аксарият сафари кӯтоҳмуддатро интихоб мекунанд: 49% танҳо 1 рӯз, 37% – 2-3 рӯз ва танҳо 14% зиёда аз 3 рӯз истодаанд. Ин вазъият ба сатҳи нокифояи инфрасохтор, маҳдудияти хизматрасониҳои фароғатӣ ва барномаҳои сайёҳӣ ишора мекунад. Аз ин рӯ, дар сурати васеъ намудани пешниҳоди хизматрасониҳо ва ташкили маршрутҳои чандрӯза, имкони зиёд намудани вақти будубош ва дар натиҷа афзоиши хароҷоти сайёҳон мавҷуд аст.

Таҳлили сохтори хароҷот нишон медиҳад, ки қисми асосии маблағ ба меҳмонхонаҳо (43%) рост меояд. Нақлиёт 21%, фароғат 16%, хӯрока 11% ва роҳбалад 9%-ро ташкил медиҳад. Ин сохтор аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматрасониҳои иловагӣ (экскурсия, роҳбаладӣ, фароғат) ҳанӯз пурра рушд наёфтаанд. Тақвияти ин самтҳо метавонад даромади соҳа ва таъсири мултипликативии сайёҳиро баланд бардорад.

Аз рӯи хароҷоти миёнаи якрӯза, гурӯҳи калонтарин 400-600 сомонӣ (41%) мебошад. Ҳамчунин, 32% 200-400 сомонӣ ва 20% зиёда аз 600 сомонӣ сарф мекунанд. Танҳо 7% дар доираи 100-200 сомонӣ қарор доранд. Ин нишон медиҳад, ки аксари сайёҳони хориҷӣ ба сегменти даромади миёна ва миёнаи болоӣ мансуб буда, қобилияти хароҷоти нисбатан баланд доранд. Аз ин рӯ, рушди маҳсулоти сайёҳии босифат метавонад даромаднокиро боз ҳам зиёд намояд.

Дар маҷмуъ, натиҷаҳои пурсиш собит менамоянд, ки сайёҳии кӯҳӣ дорои талаботи баланд, иқтидори иқтисодии назаррас ва имконияти афзоиши даромад мебошад. Бо такмили инфрасохтор, диверсификатсияи хизматрасониҳо ва дароз намудани давомнокии сафар, ин соҳа метавонад ба яке аз бахшҳои муҳимми рушди иқтисоди миллӣ табдил ёбад.

Таҳлили натиҷаҳои арзёбии соҳаи сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сайёҳони хориҷӣ нишон медиҳад, ки кишвар дорои иқтидори назаррас дар ҷалби сайёҳон, махсусан дар самти туризми кӯҳӣ ва рекреатсионӣ мебошад (ҷадвали 2).

Бештари сайёҳон (79 нафар) ба нишондиҳандаи «зебоии табиат» баҳои максималӣ – ҳадди аксар ва 15 нафар баҳо 4 доданд. Танҳо 6 нафар баҳо 3 додаанд, ки нишон медиҳад, табиати кӯҳию ҷангалӣ ва муҳити экологии минтақаҳо дар назар ва завқи сайёҳон хеле баланд арзёбӣ мешавад. Ин натиҷа собит месозад, ки захираҳои табиӣ ва релефи кӯҳии Тоҷикистон ҳамчун омилҳои асосии ҷалби сайёҳон арзёбӣ мешаванд ва имкониятҳои рушди сайёҳии кӯҳӣ ва экосайёҳиро нишон медиҳанд.

***Ҷадвали 3. – Арзёбии бахши сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сайёҳони хориҷӣ (аз рӯи шкалаи 5 – балла)***

| **Нишондиҳандаҳо** | **0** | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Зебоии табиат | - | - | - | 6 | 15 | 79 |
| Ғизо ва хизмат | - | - | 4 | 11 | 25 | 60 |
| Меҳмонхонаҳо | - | 2 | 7 | 34 | 29 | 28 |
| Бехатарӣ | - | - | - | 24 | 42 | 34 |
| Сифати роҳ | - | 10 | 15 | 47 | 22 | 6 |
| Нархҳо | - | - | 12 | 9 | 34 | 45 |

***Сарчашма:*** *Мушоҳидаи экспертии муаллифон*

Дар самти «ғизо ва хизмат», аксарият баҳоҳои 4 ва 5 доданд (25 ва 60 нафар), ки нишон медиҳад, сатҳи хизматрасонии тарабхонаҳо ва фароғатӣ умуман қаноатбахш мебошад, ҳарчанд 15% сайёҳон баҳоҳои миёна (2-3) додаанд. Ин ҳолат шаҳодат медиҳад, ки дар соҳаи хизматрасонӣ баъзе нуқтаҳои такмил ва стандартизатсия боқӣ мондаанд.

Нишондиҳандаи «мехмонхонаҳо» натиҷаи тақсимшавии гуногун доранд: 28 нафар баҳои 5, 29 нафар баҳои 4 ва 34 нафар баҳои 3 додаанд. Яъне сифати инфрасохтори ҷойгиршавӣ дар баъзе минтақаҳо бо стандартҳои байналмилалӣ мувофиқ аст, аммо дар баъзе ҷойҳо камбудиҳо вуҷуд доранд. Ҳангоми густариш ва такмили инфрасохтор, имкониятҳои ҷалби сайёҳон ва афзоиши даромад метавонад беҳтар шавад.

Нишондиҳандаи «бехатарӣ» низ назаррас аст: 34 нафар баҳои 5, 42 нафар баҳои 4 ва 24 нафар баҳои 3 додаанд. Дар маҷмуъ, беш аз 75% сайёҳон бехатариро қаноатбахш ҳисоб карданд. Ҳангоми таҳлили ин нишондиҳанда, бояд диққат дод, ки бехатарӣ дар самти роҳҳо, сайругашт ва фаъолияти кӯҳӣ барои ҷалби сайёҳони хориҷӣ аҳаммияти калидӣ дорад.

«Сифати роҳҳо» каме пасттар арзёбӣ шудааст: 47 нафар баҳои 3, 22 нафар баҳои 4 ва 6 нафар баҳои 5 додаанд, дар ҳоле ки 25% баҳоҳои пасттар (1–2) доданд. Ин собит месозад, ки инфрасохтори нақлиётӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ ҳанӯз ниёз ба беҳбудӣ дорад ва таҷдиди роҳҳо метавонад давомнокии сафар ва сатҳи қаноатмандии сайёҳонро афзоиш диҳад.

Дар самти «нархҳо» аксарият (45 нафар) баҳои 5 ва 34 нафар баҳои 4 доданд, ки аз нисбатан қобили қабул будани нархгузорӣ барои хизматрасониҳои сайёҳӣ шаҳодат медиҳад. Танҳо 12 нафар баҳо 2 ва 9 нафар баҳои 3 доданд, ки дар бораи барои сайёҳон гарон будани қимати нишон медиҳад баъзе маҳсулот ё хизматҳо шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон медиҳад, ки захираҳои табиӣ ва бехатарӣ афзалияти асосӣ мебошанд, сифати хизматрасонӣ ва меҳмонхонаҳо хуб, аммо бояд такмил дода шаванд, ва нархҳо дар маҷмуъ қобили қабуланд. Сатҳи пасти баъзе нишондиҳандаҳо, махсусан сифати роҳҳо ва баъзе хидматҳо, нишон медиҳад, ки инфрасохтори сайёҳӣ бояд васеъ ва стандартизатсия шавад, то таъсири мултипликативии сайёҳӣ ба иқтисоди маҳаллӣ ва рушди сайёҳӣ афзоиш ёбад.

Маълумоти ҷамъоваришуда бо усулҳои оморӣ коркард гардиданд: ҳисоби миёна, ҳиссаҳои фоизӣ, индекси қаноатмандӣ ва таҳлили муқоисавӣ. Барои муайян намудани таъсири хароҷоти сайёҳон ба иқтисоди маҳаллӣ формулаи мултипликативӣ истифода шуд:

$$R = N \times E, \quad (1)$$

ки дар он N – шумораи сайёҳон ва E – хароҷоти миёнаи як сайёҳ мебошад.

Натиҷаҳои таҳлил имкон доданд, ки нақши сайёҳии кӯҳӣ дар афзоиши даромад, ташкили ҷойҳои корӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ муайян карда шуда, бартарии он нисбат ба дигар навъҳои сайёҳӣ аз ҷиҳати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ асоснок гардад.

Таҳлили натиҷаҳои пурсиш дар байни 100 нафар сайёҳони хориҷӣ нишон медиҳад, ки сайёҳии кӯҳӣ яке аз самтҳои афзалиятноки саёҳат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аз сайёҳон 31% сайёҳии кӯҳиро интихоб кардаанд, ин нишондиҳанда мавқеи пешсафи минтақаҳои кӯҳиро дар бозори сайёҳӣ таъкид мекунад. Таҳлили давомнокии сафар нишон медиҳад, ки аксари сайёҳон аз 1 то 3 рӯз дар минтақаи кӯҳӣ меистанд, ки ин таъсиргузории хароҷот ва даромадро муайян мекунад. Ҳисоби хароҷоти миёнаи якрӯзина нишон медиҳад, ки сайёҳон ба меҳмонхона, нақлиёт ва фароғат бештар маблағ сарф мекунанд, ки имконияти афзоиши даромади маҳаллӣ бо такмили хизматрасониҳо ва диверсификатсияи хатсайрҳоро нишон медиҳад. Ҳисоби тахминии даромад бо истифода аз формулаи (1) нишон медиҳад, ки 31 сайёҳи интихобкардаи сайёҳии кӯҳӣ метавонад дар як давра тақрибан 30 415 сомонӣ ба иқтисоди маҳаллӣ ворид намояд. Ин нишондиҳанда исбот менамояд, ки сайёҳии кӯҳӣ на танҳо талаботи баланд дорад, балки ба рушди иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои корӣ ва рушди соҳибкорӣ дар минтақаҳои кӯҳӣ нақши

назаррас мебозад. Таҳлил нишон медиҳад, ки бо такмили инфрасохтор, пешниҳоди хизматҳои фароғатӣ ва ташкили хатсайрҳои чандрӯзаву барномаҳои гуногун, иқтидори даромади сайёҳии кӯҳӣ метавон ба таври назаррас афзоиш ёбад. Ин таҳлил барои сиёсати рушди сайёҳӣ ва стратегияи рушди минтақаҳои кӯҳӣ манбаи муҳим мебошад.

Самаранокии рушди сайёҳии кӯҳӣ ва самаранокии иқтисодии онро бо истифода аз модели регрессияи одии хаттӣ арзёбӣ намудан мумкин аст, ки тарзи ҳисоби он чунин намуд намуд дорад:

$$Y=\beta_0+\beta_1X_1+\beta_2X_2+\varepsilon, \quad (2)$$

ки дар ин ҷо:

- Y – даромад аз хизматрасониҳои сайёҳӣ (ҳазор сомонӣ),
- $X_1$ – шумораи сайёҳони хориҷӣ (ҳазор нафар),
- $X_2$ – дараҷаи диверсификатсияи хизматҳо (шумораи намудҳои хизмат: меҳмонхона, хӯрока, нақлиёт, роҳбалад, фароғат ва ғайра),
- **ε** – хатои тасодуфӣ.

Аз таҳлили экспертии гузаронида, ки маълумоти тахминӣ оид ба рушди сайёҳии кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро медиҳад, вазъи рушди сайёҳии кӯҳиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тахминан муайян намудем ва дар асоси ин регрессияи хаттӣ ҳисоб карда шуд (ҷадвали 4).

***Ҷадвали 4 – Маълумот барои ҳисоби регрессия дар мисоли сайёҳии кӯҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон***

| **Солҳо** | **$X_1$ (ҳаз. сайёҳ)** | **Y даромад (млн сомонӣ)** | **$X_2$ (шумораи меҳмонхонаҳо)** |
|---|---|---|---|
| 2018 | 320,8 | 3,4 | 174 |
| 2019 | 389,67 | 5,24 | 179 |
| 2020 | 108,6 | 7,6 | 186 |
| 2021 | 91,8 | 2,37 | 191 |
| 2022 | 309,8 | 3,96 | 191 |
| 2023 | 372,3 | 7,24 | 190 |
| 2024 | 434,0 | 10,1 | 214 |

***Сарчашма:** Дар асоси маълумотҳои ҷадвали 1 ва 2 шуд ва сарчашмаҳои [11], [12], [13] ҳисоб карда шуд.*

Пас аз ҳисобҳои ковариатсия ва усули камтарин квадратҳо, чунин коэффитсиентҳо ба даст омаданд:

$$\beta1\approx0.0056$$

$$\beta2\approx0.125$$

$$\beta0\approx-19.6$$

$$Y=-19.6+0.0056X1+0.125X2$$

Натиҷаҳои регрессияи хаттӣ нишон медиҳад, ки байни рушди сайёҳии кӯҳӣ ва нишондиҳандаҳои асосии инфрасохторӣ робитаи мусбат ва устувори иқтисодӣ мавҷуд аст. Коэффитсиенти назди тағйирёбандаи шумораи сайёҳон ($\beta_1$ = 0.0056) маънои онро дорад, ки бо зиёд шудани 1 ҳазор сайёҳи хориҷӣ, даромади соҳа ба ҳисоби миёна тақрибан 0,0056 млн сомонӣ (ё 5,6 ҳазор сомонӣ) меафзояд. Ин собит месозад, ки ҷалби бештари сайёҳон бевосита ба афзоиши гардиши молиявии минтақаҳои кӯҳӣ мусоидат менамояд.

Ҳамзамон, таъсири омилҳои инфрасохторӣ боз ҳам назаррастар мебошад. Коэффитсиенти назди шумораи меҳмонхонаҳо ($\beta_2$ = 0.125) нишон медиҳад, ки кушодани ҳар як меҳмонхонаи нав метавонад даромади умумиро ба ҳисоби миёна 0,125 млн сомонӣ (125 ҳазор сомонӣ) зиёд намояд. Яъне нисбат ба афзоиши муқаррарии шумораи сайёҳон диверсификатсия ва густариши хизматрасониҳо самаранокии бештар дорад. Ин ҳолат бо

назарияи мултипликатори сайёҳӣ мувофиқат мекунад, зеро рушди инфрасохтор талаботи иловагии хизматрасониро (ғизо, нақлиёт, фароғат, роҳбаладӣ) ба вуҷуд оварда, гардиши маблағро дар иқтисоди маҳаллӣ тақвият медиҳад.

Қимати манфии $\beta_0$ танҳо хусусияти техникӣ дорад ва нишон медиҳад, ки бе мавҷудияти инфрасохтор ва сайёҳон даромади сайёҳӣ ташаккул намеёбад. Дар маҷмуъ, модел исбот менамояд, ки барои рушди сайёҳии кӯҳӣ на танҳо афзоиши шумораи сайёҳон, балки такмили инфрасохтор ва зиёд намудани шумораи меҳмонхонаҳо, кемпингҳо ва хизматҳои иловагӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад. Аз ин рӯ, сиёсати давлатӣ бояд ба сармоягузорӣ ба инфрасохтор ва баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ равона карда шавад, то самаранокии иқтисодии соҳа бештару хубтар гардад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки соҳаи сайёҳӣ, бахусус сайёҳии кӯҳӣ, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ба яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодӣ табдил ёфта, метавонад ҳамчун муҳаррики муҳими рушди минтақавӣ ва диверсификатсияи иқтисоди миллӣ хизмат намояд. Омӯзиши нишондиҳандаҳои оморӣ, натиҷаҳои пурсишҳо, арзёбии қаноатмандии сайёҳон ва ҳисобҳои эконометрикӣ собит месозанд, ки захираҳои табиию рекреатсионии кишвар, аз ҷумла манзараҳои кӯҳӣ, иқлими мусоид, мероси фарҳангӣ ва имкониятҳои экосайёҳӣ, барои ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ заминаи устувор фароҳам меоранд.

Натиҷаҳои пурсиш байни сайёҳони хориҷӣ нишон доданд, ки зебоии табиат ва амнияти кишвар ҳамчун омилҳои асосии ҷалбкунанда арзёбӣ мешаванд. Қисми зиёди сайёҳон ба ин нишондиҳандаҳо баҳои баланд додаанд. Ҳамзамон, хизматрасонии меҳмонхонаҳо ва сифати роҳҳо нисбатан миёна арзёбӣ гардида, зарурати такмили инфрасохтор ва баланд бардоштани стандартҳои хизматрасонӣ таъкид мешавад. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки барои рушди устувори сайёҳии кӯҳӣ танҳо мавҷудияти захираҳои табиӣ кофӣ нест, балки сифати хизматрасонӣ ва дастрасии нақлиётӣ низ нақши калидӣ мебозанд.

Дар маҷмуъ, таҳлил нишон медиҳад, ки сайёҳии кӯҳӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтидори бузурги иқтисодӣ мебошад. Барои истифодаи пурраи ин имкониятҳо зарур аст, ки инфрасохтори роҳҳо ва ҷойгиршавӣ такмил дода шуда, сифати хизматрасонӣ баланд бардошта шавад, хизматҳо диверсификатсия гарданд ва сиёсати сармоягузорӣ ба рушди минтақаҳои кӯҳӣ равона карда шавад. Танҳо дар ин сурат сайёҳии кӯҳӣ метавонад ба манбаи устувори даромад, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар табдил ёбад.

**_ПАЙНАВИШТ:_**


1. *Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.12.2018 / https://www.president.tj/event/missives/17365 (санаи муроҷиат 07.12.2025)*
2. *Лимонина И.Г., Ермакова Н.А., Костицына А.В. Особенности национального и регионального брендинга Швейцарии // Сервис в России и за рубежом. 2024. №3 (112). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-natsionalnogo-i-regionalnogo-brendinga-shveytsarii (санаи муроҷиат: 10.12.2025).*
3. *Карачев Р.Е. Непал. -Москва: ВОКРУГ СВЕТА, 2010. 215 с.*
4. *Деточенко Л.В. Особенности развития туризма в Грузии как отрасли, способствующей экономическому росту страны // Вестник Удмуртского университета. Серия «Биология. Науки о Земле». 2019. №2. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-razvitiya-turizma-v-gruzii-kak-otrasli-sposobstvuyuschey-ekonomicheskomu-rostu-strany (санаи муроҷиат: 10.12.2025).*
5. *Турдимуратов М. М. Экономика туризма // Экономика и социум. 2020. №7 (74). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomika-turizma (санаи муроҷиат: 09.02.2026).*

6. *Зиба Я. Туризм как экономический мультипликатор // Экономика и бизнес: теория и практика. 2023. №10-1 (104). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/turizm-kak-ekonomicheskiy-multiplikator (санаи муроҷиат: 19.12.2025).*
7. *Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2025 / Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2025. – 442 с.*
8. *Ringbeck J. Destination: Green Tourism // http://www. strategy-business.com/article/10304?pg=all (санаи муроҷиат: 07.12.2025)*
9. *Río-Rama M., Maldonado-Erazo C., Durán-Sánchez A. and Álvarez-García J. Mountain tourism research. A review. European Journal of Tourism Research. - 2019. - №22. - Pp. 130150.*
10. *https://ctd.tj/ru (санаи муроҷиат: 08.12.2025)*
11. *Butler, R. W. (1980). The concept of a tourist area cycle of evolution: Implicationsfor management of resources. Canadian Geographer, 24(1), Pp. 5–12.*
12. *https://caspianpost.com;*
13. *https://centralasianlight.org;*

**REFERENCES:**

1. *Message of the President of the Republic of Tajikistan to the Supreme Assembly of the Republic of Tajikistan dated December 26, 2018. Available at: https://www.president.tj/event/missives/17365 (date of appeal: 07 12.2025).*
2. *Limonina I.G., Ermakova N.A., Kostitsyna A.V. Features of National and Regional Branding of Switzerland. Service in Russia and Abroad, 2024, No. 3 (112). Available at: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-natsionalnogo-i-regionalnogo-brendinga-shveytsarii (date of appeal: 10.12.2025).*
3. *Karachev R.E. Nepal. Moscow: "Vokrug Sveta", 2010. 215 pp.*
4. *Detochenko L.V. Features of Tourism Development in Georgia as a Sector Contributing to the Country's Economic Growth. Bulletin of Udmurt University. Series: Biology. Earth Sciences, 2019, No. 2. Available at: https://cyberleninka.ru/article/n/osobennosti-razvitiya-turizma-v-gruzii-kak-otrasli-sposobstvuyuschey-ekonomicheskomu-rostu-strany (date of appeal: 10.12.2025).*
5. *Turdimuratov M.M. Tourism Economics. Economics and Society, 2020, No. 7 (74). Available at: https://cyberleninka.ru/article/n/ekonomika-turizma (date of appeal: 09.02.2026).*
6. *Ziba Ya. Tourism as an Economic Multiplier. Economics and Business: Theory and Practice, 2023, No. 10-1 (104). Available at: https://cyberleninka.ru/article/n/turizm-kak-ekonomicheskiy-multiplikator (date of appeal: 19.12.2025).*
7. *Statistical Yearbook of the Republic of Tajikistan 2025. Agency on Statistics under the President of the Republic of Tajikistan, Dushanbe, 2025. 442 pp.*
8. *Ringbeck J. Destination: Green Tourism. Available at: http://www.strategy-business.com/article/10304?pg=all (date of appeal: 07.12.2025).*
9. *Río-Rama M., Maldonado-Erazo C., Durán-Sánchez A., Álvarez-García J. Mountain tourism research: A review. European Journal of Tourism Research, 2019, No. 22, PP. 130–150.*
10. *Committee for Tourism Development under the Government of the Republic of Tajikistan. Available at: https://ctd.tj/ru (date of appeal: 08.12.2025).*
11. *Butler R.W. (1980). The Concept of a Tourist Area Cycle of Evolution: Implications for management of resources. The Canadian Geographer, 24(1), PP. 5–12.*
12. *https://caspianpost.com*
13. *https://centralasianlight.org*